**ТАҚРИЗ**

ба автореферати дисертатсияи **Изатулоев Сафарали**
**дар мавзуи «Рушду Инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ»** аз рӯй хтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Мавзуи диссертатсия яке аз масъалаҳои рӯзмарраи замони муосир ва таъмини амнияти озуқаворӣи аҳолӣ мебошад, ки барои рушди соҳаи чорводорӣ ва муайян намудани таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тараққиёти соҳа ва зиёд намудани маҳсулнокии он равона гардидааст.

Аз таҳқиқотҳои унвонҷӯй муайян карда шуд, ки зоти қазоқии сарсафед ба кишвари Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя оварда шудаанд ва тадқиқотҳои гуногун вобаста ба хосиятҳои хоҷагидорӣю биологӣ гузаронида шудааст ва ба шароити Тоҷикистон мутобиқ гардидааст.

Аз ин хотир унвонҷӯй дар пеши худ мақсад гузоштааст, ки омӯзиши муқоисавӣ хусусияти генотипӣ ва фенотипии чорвои типи сергӯшти тоҷикӣ ва дурагакунии онро бо чорвои беҳтаргардонидашудаи зебуи маҳаллӣ да шароити кӯҳистон ва чарогоҳи ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон, барои таҷриба 45 сар ҷавонаҳо баъди таваллуд гирифта онҳоро ба 3 –гурӯҳ 15- сари ҷудо карда гирифта таҷрибаҳои худро гузаронидааст.

Дар ҳолати интихоб вазни зиндаи буққачаҳои интихобкарда қариб якхела буданд ва бо ченакҳои асосӣ баҳо дода шудааст, ба монанди баланди дар устухони чорбанд, баланди дар крестес, дарозии каҷи бадан, давраи сина, паҳнии қафаси сина, чуқурии қафаси сина, ва давриустухони пой.

Яке аз тадқиқоотҳои ҷолиби унвонҷӯй дар он аст, ки ӯ омӯзиши морфологӣ, биохимиявӣ, физиологии организм, микдори эритроситҳо, ва лейкоситҳоро бо роҳи ҳисоб кардан дар камераи Горяев, гемоглобин аз рӯи Салай, сафедаи умумии хун бо усули рефрактометрӣ муайян намудааст.

Аз натиҷаҳои гирифтаи унвонҷӯй муайян карда шуд, ки ӯ буққачаҳоро аз навзодӣ баъд аз он 8, 12, 15, 18, ва 20 моҳаги мавриди омӯзиш қарор додааст.Дар давраи навзодӣ вазни буққачаҳо аз 20,3 то 25 кг ташкил менамуданд. Тараққиёти асосӣ аз таваллудшавӣ то 8 моҳагиро ташкил намуд, махсусан буққачаҳои гурӯҳи 3-ум 142,9 кг бо мӯқоисаи гурӯҳи 1-ум 21, 92% ва гурӯҳи 2-ум 5,07% зиёд буданд.

Дигар вазифаи дар пеш гузоштаи унвонҷӯй ин муайян намудани индекси шакли афзоиш чорворо дар назар гирифтааст, ки аз ҳама баланд буққачаҳои гурӯҳи 3-юм дар сини 20 моҳаги мебошад ва ӯ ба хулоса омадааст, ки ҷиҳати нишондиҳандаҳои афзоиш ва инкишоф, баққачаҳои типи гӯштии тоҷикӣ дар синни 20-моҳагӣ дар аксари андозагирӣ ва

нишондиҳандаҳои ҳолати бадан нисбат ба буққачаҳои маҳаллӣ ва дурага бартарии худро нишон дода тавонистаанд.

Самараи иқтисодии гузаронидани тадқиқот муайян гардидааст, ки дар чарогоҳ нигоҳ доштани буққачаҳо дар давоми сол то синни 20 моҳагӣ метавонад даромаднокии хоҷигиро баланд бардорад. Фоидаи парвариши буққачаҳои типи тоҷикӣ 62,2%, дурагаҳо 57% ва зебуи маҳаллӣ 20%-ро ташкил намудааст.

Бо назардошти муҳиммият, тавсифи умумии кор, навгонии илмӣ, таъйиди тадқиқот ва иттилооту, натиҷаҳои тадқиқотии Изатулоев С. дар мавзӯи «Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ ба талаботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, худи муаллиф, унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои кишоварзӣ бо ихтисоси 4.2.2. - зотпарварӣ,селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур Шарипов А.

Суроға: шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи И.Эшонов 18.
E mail: a.sharipov1951@mail.ru, Тел: 101 99 19 51.

Имзои Шарипов А. -ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ Ш.ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОХТЕМУР
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ

Суроғаи муассиса, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, х. Рудакӣ,146
Тел.: (+992-37) 2247207
E-mail: rectortau31@mail.ru

21.02.2026